# ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАРМОИШ

аз «15» 12 соли 2020 №139

Дар бораи Низомномаи Сарраёсати хазинадории маркази Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастурамалҳои мансабии кормандони он

Бо мақсади муайян намудани асосҳои ташкилӣ, вазъи ҳуқуқӣ, сохтор ва самти фаъолияти Сарраёсати хазинадории марказӣ, инчунин талаботи тахассусӣ, ҳуқуқу ухдадориҳо ва масъулияти мансабии кормандони он, мутобиқи банди 2 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 сентябри соли 2014, №579 “Дар бораи Дастури методӣ оид ба таҳияи низомномаҳои дастгоҳи марказӣ, воҳидҳои сохтории он ва воҳидҳои тобеи мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ” ва банди 12 Низомномаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2015, №187 тасдиқ гардидааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Низомномаи Сарраёсати хазинадории маркази Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастурамалҳои мансабии кормандони он тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1-58).

2. Кормандони Сарраёсати хазинадории марказӣ вазифадор карда шаванд, ки дар фаъолияти хизматӣ талаботи Низомномаи Сарраёсат ва Дастурамалҳои мансабиро риоя намоянд.

3. Фармоиши Вазорати молия аз 5 октябри соли 2015, №262 “Дар бораи тасдиқи Низомномаи Сарраёсати хазинадории марказӣ ва

мақомоти маҳаллии хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз эътибор соқит дониста шавад.

4. Назорати иҷрои Фармоиши мазкур ба зиммаи Муовини якуми вазир Ҷ. Каримзода вогузор карда шавад.

Вазир Ф. Қаххорзода

ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Бо фармоиши Вазорати
молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «15» 12 соли 2020, №139
тасдиқ шудааст

# Низомномаи
# Сарраёсати хазинадории маркази
# Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Низомномаи Сарраёсати хазинадории маркази Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - низомнома) дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон", қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Дар бораи хазинадорӣ", қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Дастури методӣ оид ба таҳияи низомномаҳо дастгоҳи марказӣ, воҳидҳои сохтории он ва воҳидҳои тобеи мақоми иҷроия марказии ҳокимияти давлатӣ" ва банди 12 Низомномаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия гардида, вазъи ҳуқуқӣ, ташкилӣ, сохтор, функсия, вазифа ва тартиби фаъолияти Сарраёсати хазинадории марказӣ (минбаъд – Сарраёсат)-ро муайян намуда, масъалаҳои умумиро вобаста ба фаъолияти Сарраёсат ба танзим медарорад.

2. Сарраёсат воҳиди сохтории Вазорати молия буда, дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои ҳайати мушовара, инчунин Низомномаи мазкурро ба асос ва роҳбарӣ мегирад.

3. Сарраёсат низоми ягонаи марказонидашуда буда, аз Хазинадории марказӣ ва мақомоти он дар маҳалҳо иборат мебошад.

4. Сарраёсат дар таҳти роҳбарии муовини якуми Вазири молия қарор дошта, фаъолияти худро мувофиқи ҳамин низомнома амалӣ менамояд.

5. Сарраёсат ва мақомоти маҳалли онро сардорон, ки тибқи қонунгузории хизмати давлатӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешаванд, роҳбарӣ мекунанд.

6. Сарраёсат дорои муҳр мебошад, ки дар он Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо навиштаҷоти «Хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасвир шудааст. Муҳри он дар супоришномаҳои пардохтӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои хазинадорӣ гузошта мешавад.

7. Мақомоти маҳаллии хазинадорӣ аз муҳри мақомоти маҳаллии молияи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мебаранд.

8. Ба ҳайати сарраёсат воҳидҳои кории мансабҳои давлатии хизматчиёни давлатие шомиланд, ки номгӯи онҳо дар басти вазифаҳо пешбинӣ шуда, аз ҷониби Вазири молия тасдиқ гардидааст.

9. Сарраёсат дар фаъолияти худ бо дигар мақомоти давлатӣ, муассисаю ташкилотҳо вобаста ба масъалаҳои ба салоҳияти он дахлдошта тибқи тартиби муқарраргардида ҳамкорӣ менамояд.

10. Сарраёсат шахси ҳуқуқӣ набуда, ҳамчун воҳиди ташкилию иҷроия таъминкунанда ва танзимкунандаи фаъолияти Вазорат мебошад.

## 2. Сохтор ва тартиби ташкили сарраёсат

11. Низомнома ва басти воҳидҳои кории Сарраёсатро дар доираи меъёри шумораи хизматчиёни давлатӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст, Вазири молия тасдиқ мекунад.

12. Сарраёсат тибқи басти вазифаҳо аз се раёсат, 11 шуъба ва 57 воҳиди корӣ иборат мебошад:

- **Раёсати идоракунии маблағҳои буҷетӣ:**
  - Шуъбаи баҳисобгирии даромадҳои буҷети ҷумҳуриявӣ;
  - Шуъбаи банақшагирии хазинавӣ;
  - Шуъбаи идоракунии суратҳисобҳои бонкӣ.
- **Раёсати таъмини иҷроиши буҷет:**

– Шуъбаи бақайдгирии уҳдадориҳои шартномавии ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ;

– Шуъбаи иҷроиши буҷети мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ;

– Шуъбаи иҷроиши буҷети соҳаҳои иҷтимоӣ;

– Шуъбаи иҷроиши буҷети соҳаҳои иқтисодиёт;

– Шуъбаи иҷроиши буҷети мудофиа ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.

- **Раёсати ҳисоботдиҳӣ:**

– Шуъбаи методологияи ҳисобот ва идоракунии амалиёти хазинадорӣ;

– Шуъбаи мунтахабсозии ҳисоботи буҷетӣ;

– Шуъбаи ҳисоботи молиявии стандартҳои баҳисобгирии ҳисоботи молиявии бахши давлатӣ.

13. Сарраёсат аз сардор, муовини якуми сардор, муовинони сардор (2 нафар), сардорони шуъба (11 нафар), сармутахассисон (19 нафар), мутахассисони пешбар (14 нафар) ва мутахассисон (10 нафар) иборат мебошад, ки тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи хизмати давлатӣ аз ҷониби Вазири молия ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешаванд.

14. Бастани қарордоди (шартномаи) меҳнатӣ бо кормандон тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад.

15. Шартҳои пардохти музди меҳнат, суғуртаи иҷтимоии давлатӣ, таъминоти моддию техникӣ, тиббӣ, иҷтимоию маишӣ, нафақа ва таъминоти дигари хизматчиёни давлатӣ бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегарданд.

## 3. Вазифаҳо ва функсияҳои асосии сарраёсат

16. Сарраёсат дорои чунин вазифаҳо ва функцияҳо мебошад:

- иштирок дар таҳия ва коркарди лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ва манзур намудани пешниҳоду тавсияҳо ба роҳбарият;

- таҳия ва барои тасдиқ ба роҳбарияти вазорат пешниҳод намудани нақшаи кории солонаи сарраёсат;

- идоракунии суратҳисобҳои хазинадорӣ ва хизматрасонии хазинавии иҷрои буҷетҳои низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- вобаста намудани маблағгузории вазорату идораҳо ва ташкилотҳои буҷетӣ ба мақоми ваколатдори марказӣ ва маҳаллии хазинадорӣ;

-таъмини маблағгузории вазорату идораҳо ва ташкилотҳои буҷетӣ аз суратҳисоби ягонаи хазинадорӣ ба воситаи низоми пардохти электронӣ, аз ҷумла таъмини саривақтии маблағгузории моддаҳои ҳимояшавандаи буҷетӣ;

- баҳисобгирии амалиёти маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ба воситаи суратҳисоби ягонаи хазинадорӣ;

- баҳисобгирии воридоти даромади буҷети ҷумҳуриявӣ;

- баргардонидани маблағи барзиёд ё саҳван ба буҷети ҷумҳуриявӣ воридшудаи даромад ё ҳисоб намудани он барои пӯшонидани қарз дар назди буҷет;

- хизматрасонии амалиёти даромад ва хароҷоти маблағҳои махсуси вазорату идораҳо ва ташкилотҳои буҷетӣ;

- интиқоли трансфертҳои байнибуҷетӣ (кӯмаки молиявии беподош (дотатсия), мусоидати молиявӣ (субвенсия), ҳисоббаробаркунӣ, қарзҳои буҷетӣ) байни сатҳҳои низоми буҷетии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таъмини робитаҳои электронӣ-коммуникатсионӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ бо мақсади самаранок идора намудани маблағҳои буҷетӣ;

- таъмини интиқоли электронии маблағҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути низоми пардохтҳои электронӣ;

- таҳияи нақшаи хазинавии иҷрои буҷет;

- баҳисобгирии ухдадориҳои шартномавии аз буҷети давлатӣ маблағгузоришавандаи вазорату идораҳо ва муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ ва инчунин гузаронидани мониторинги иҷрои онҳо;

- ҳар моҳ таҳия намудани ҳисобот оид ба иҷрои қисми даромад ва хароҷоти буҷетҳои ҷумҳуриявӣ, маҳаллӣ ва дар маҷмуъ буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи гурӯҳбандии даромаду хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаклҳои тасдиқшуда;

- ҳар семоҳа тартиб додани санадҳои муқоисавӣ оид ба воридоти даромадҳо ба буҷети ҷумҳуриявӣ бо мақомоти воридкунандаи даромади буҷет;

- таҳияи ҳисоботи даврагӣ ва солона оид ба иҷрои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи гурӯҳбандии даромаду хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаклҳои тасдиқшуда ва пешниҳод он ба Сарраёсати буҷети давлатӣ ва дигар сохторҳои дахлдори Дастгоҳи марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- таҳия намудани ҳисоботи ҷамъбастии солона оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар муҳлати муқарраршуда дар шакли электронӣ ё коғазӣ пешниҳод намудан ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- мунтазам такмил додани низоми автоматонидашудаи иҷрои хазинавии буҷети давлатӣ;

- пешниҳод намудани тавсияҳо оид ба такмили фаъолияти Сарраёсат;

- амалӣ намудани корҳои фаҳмондадиҳӣ, мукотиба, таҳияи ҷавоб ба аризаҳо ва мактубҳое, ки ҳалли онҳо ба салоҳияти сарраёсат дахл доранд;

- пешниҳод намудани тавсияҳо ба Раёсати рушди захираҳои кадрӣ оид ба такмили ихтисоси кормандон;

17. Вобаста ба самти фаъолияти сарраёсат риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро назорат мебарад ва дар ҳолати зарурӣ оид ба ворид намудани тағйирот ба онҳо таклифу пешниҳодҳо манзур менамояд;

18. Маводҳои сарраёсатро баҳисоб гирифта, ҷиҳати нигаҳдорӣ онҳоро ба бойгонии вазорат месупорад.

19. Махфияти иттилоотеро, ки ба сирри давлатӣ ё ба дигар сирри бо қонун ҳифзшаванда таааллуқ дорад, таъмин намуда, дигар уҳдадориҳоро, ки аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, иҷро менамояд.

20. Назорати риояи интизоми меҳнатӣ дар сарраёсатро амалӣ менамояд.

## 4. Ҳуқуқҳои сарраёсат

21. Сарраёсат ҳуқуқ дорад:

- аз вазорату идораҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳои буҷетӣ, новобаста аз намуди фаъолияташон, ки маблағҳои буҷетиро истифода мебаранд, оид ба харҷи мақсадноки ин маблағҳо маълумот талаб намояд;

- аз вазорату идораҳо ва ташкилотҳои буҷетӣ мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» пешниҳоди маълумотро дар ҳомили электронӣ, ки ҷиҳати омӯзиш ва ҳалли маблағгузорӣ заруранд, талаб намояд;

- аз вазорату идораҳо ва ташкилотҳои буҷетӣ дар низоми иттилоотӣ ҳуҷҷатҳои пардохтии электрониро қабул карда, дар асоси онҳо маблағгузориро таъмин намоянд;

- таҳияи маводи методологӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои марбут ба ваколатҳои хазинадорӣ;

- дастурамалҳо, шаклҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳиро оид ба иҷрои даромад ва хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия намоянд;

- аз вазорату идораҳо ва ташкилотҳои буҷетӣ дар низоми иттилоотӣ ҳуҷҷатҳои пардохти электрониро қабул намуда, маблағгузории онҳоро таъмин намояд;

- дар ҳолати ба вуҷуд омадани тафовути муваққатии хазинавӣ, маблағи накди гардони хазинавиро истифода намояд;

- ҳуҷҷатҳоеро, ки ба меъёрҳо ва талаботи муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи молия мутобиқ нестанд, барои маблағгузорӣ қабул накунад;

- оид ба қатъ намудани маблағгузории вазорату идораҳо ва ташкилотҳои буҷетӣ, ба истиснои моддаҳои ҳимояшавандаи буҷетӣ, дар сурати аз ҷониби онҳо риоя нашудани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қарорҳои дахлдор қабул намояд;

- дар сурати аз тарафи мақомоти маҳаллии молия барнагардондани қарзҳои буҷетӣ, маблағҳои саҳван воридгардидаи сатҳҳои дигари буҷетӣ, иҷро накардани уҳдадориҳо вобаста ба ҳисоббаробаркуниҳои байнибуҷетӣ, ҳиссаҷудокунии маблағҳо аз андоз ва даромадҳои умумидавлатӣ, ҳиссаҷудокунӣ ба фондҳо ва захираҳои мақсаднок, бо роҳи анҷом додани амалиёти дохилӣ аз суратҳисоби онҳо маблағҳои мазкурро гиранд ё онҳоро аз ҳисоби

маблағҳои дар буҷети ҷумҳуриявӣ барои буҷети дахлдор пешбинигардида боздошт намоянд;

- бо мақсади ҷалб намудани даромади иловагӣ бақияи озоди маблағҳои суратҳисоби ягонаи хазинадориро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дар суратҳисобҳои депозитии ташкилотҳои қарзӣ ҷойгир намоянд;

- аз ташкилотҳои қарзӣ оид ба воридоти саривақтии даромади буҷети давлатӣ ба суратҳисоби ягонаи хазинадорӣ маълумот дархост намоянд;

- дар хусуси гузаронидани санҷиши ташкилотҳои қарзӣ оид ба сари вақт ва ба таври дахлдор интиқол намудани даромади буҷети давлатӣ ба суратҳисобҳои хазинадорӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон таклифҳо пешниҳод намоянд;

- ҳангоми зарурат аз вазорату идораҳо ва ташкилотҳои буҷетӣ нусхаи аслии ҳуҷҷату маълумот, ки барои омӯхтан ва иҷозат додани маблағгузорӣ заруранд, талаб намояд;

- аз тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ, мақомоти маҳаллии молия ва мақомоти идоракунии фондҳои мақсадноки давлатӣ барои таҳия намудани ҳисоботи молиявӣ ва буҷетӣ оид ба иҷрои буҷет маълумоти зарурӣ гиранд;

- ба мақоми давлатии дахлдор оид ба бартараф намудани камбудиҳое, ки ҳангоми риоя накардани талаботи қонунгузорӣ дар раванди иҷрои хазинавии буҷет, аз ҷумла ҳисоботи молиявӣ ва буҷетӣ ошкор карда шудаанд, таклифҳо пешниҳод намоянд;

- дар Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзии дигар суратҳисобҳо бо асъори миллӣ ва хориҷӣ кушояд ва бандад;

- маблағи барзиёд пардохтшуда ва барзиёд ситонидашударо мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ баргардонанд;

- ба вазорату идораҳо ва ташкилотҳои буҷетӣ барои кушодани суратҳисобҳо дар ташкилотҳои қарзӣ иҷозат диҳад;

- оид ба масъалаҳои марбут ба ваколатҳои хазинадорӣ маводи методологӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия намоянд;

- ваколатҳои дигари муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро вобаста ба иҷрои буҷети давлатӣ иҷро намоянд.

22. Сарраёсат дорои дигар ҳуқуқҳое мебошанд, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудаанд.

## 5. Муқаррароти хотимавӣ

23. Ҳуқуқу уҳдадориҳо, масъулияти сардорони раесатҳои сарраёсат ва хизматчиёни давлатӣ дар дастурамалҳои мансабӣ, ки бо муовини якуми вазири молия (сарпараст) мувофиқа ва бо фармоиши вазири молия тасдиқ карда мешаванд, пешбинӣ мегарданд.

24. Номи пурраи сарраёсат: Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

25. Маҳалаи ҷойгиршавии сарраёсат: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Ак. Раҷабовҳо,3.

26. Масъалаҳои вобаста ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба низомномаи сарраёсат тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

27. Дар сурати қатъ шудани фаъолияти сарраёсат масъалаҳои супоридан, нигоҳ доштан ва истифодаи минбаъдаи ҳуҷҷатҳои он тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешавад.

28. Аз нав баррасӣ ва тасдиқ намудани низомномаи Сарраёсати хазинадории марказӣ ҳангоми таҷдиди сохтор, дигар шудани вазифаю функсияҳо ва азнавтақсимкунии уҳдадориҳои мансабӣ байни хизматчиёни давлатӣ ба амал баровarda мешавад.